# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло ба диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Дар тули мавҷудияти забонҳо ҳеҷ забонеро дидан мумкин нест, ки дар гӯшае қарор гирифтаю бо дигар забонҳо дар муомилаю мубодила набошад. Ҳамаи забонҳои дунё бо ҳам бевосита ва ё бавосита дар муомилаанд, аз худ калима медиҳанд ва аз дигарон вожа мегиранд, ки ин вобаста ба ниёзҳои забонӣ сурат мегиранд. Дар ин росто забони тоҷикӣ, ки аз дуриҳои таърих ба мо расидааст, бо забонҳои бузурги дунё, аз қабили лотинӣ, юнонӣ, арабӣ, ҳиндӣ, туркӣ ва ғайра робитаҳои зиёд дошт ва имрӯз доираи муомилоти он дар арсаи байналмилалӣ бо забонҳои доминанти дунёӣ аз қабили англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, чинӣ, кореявӣ, ҷопонӣ ва ғ. фарохтар гардидааст. Бо пешрафти ҳаёти сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодӣ муносибат бо ин забонҳо хусусияти ҳаётӣ гирифтааст. Вомвожаҳое, ки аз ин забонҳо вориди забони тоҷикӣ мешаванд, ба мурури забон ба фонди луғавӣ ворид мегарданд, ба сохти грамматикӣ таъсир мерасонанд, ки барои рушди забон мусоидат мекунанд.

Дар байни забонҳои мазкур забони арабӣ мақоми хоса дорад, зеро дар давоми беш аз ҳазор соли воридшавии калимаҳои ин забон забони тоҷикӣ ба ғановати худ афзудааст. Ин таъсирот на танҳо ба таркиби луғавӣ, балки ба сохти грамматикии забони тоҷикӣ низ асар кардаанд. Дар доираи ҳамаи ҳиссаҳои нутқ калимаҳои арабиро дидан мумки аст. Маҳз забони арабӣ аст, ки аз он пайвандакҳо (ва, аммо, вале, лекин) ва унсурҳои ҷамъсоз (шакли шикастаи ҷамъбандӣ, ҷамъи солим, дугона) ба забони тоҷикӣ нуфуз карда, барои мукаммал кардани фазои забонӣ мусоидат кардаанд. Аз байни иқтибосоти арабӣ вомвожаҳо аҳамияти махсуси илмӣ доранд. Онҳо бо теъдоди зиёди худ, ки ба соҳаҳои гуногун марбутанд, фарқ мекунанд. Ин калимаҳо тавассути қалами мутафаккирон, шоирону нависандагон ба осори илмию адабии миллати тоҷик роҳ ёфта, ҳамарӯза дар истифодаанд. Яке аз адибоне, ки аз онҳо бегумон ба таври фаровон мустафид гардидааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Мақоми бисёр муҳим доштани ин калимаҳоро ба назар гирифта, барои муайян сохтани ҷойгоҳи онҳо дар калимасозии яке аз асарҳои ин адиб - «Ёддоштҳо» шогирд Сатторов Нурали Саидалиевич камари ҳиммат баста, дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) диссертатсияи номзадӣ пешниҳод кард, ки **саривақтӣ ва мубрам** ба шумор меравад.

**Мақсади асосии таҳқиқ** муайян намудани хусусиятҳо ва нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ дар асоси ҷилдҳои ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба шумор меравад ва барои иҷрои ин мақсад аз **усулҳои таҷзияву таҳлил** ва муқоиса истифода шуда, барои мушаххас гардидани масоили мавриди таҳқиқ аз усулҳои таҳлили лексикию семантикӣ, сохторӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва оморӣ кор бурда шудааст.

**Навгонии кори** унвонҷӯй аз он иборат аст, ки таҳқиқи ҷойгоҳи иқтибосоти арабӣ дар ташаккули калимасозии забони тоҷикӣ дар асоси «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ аввалин бор мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки дар он истифодаи пасвандҳо, калимаҳои мураккаб ва феълҳои таркибӣ ҷалб шудаанд.

Мутобиқи нақшаи тарҳрезишуда, шогирд калимаҳои арабии дар ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ истифодашударо ҷамъоварию гурӯҳбандӣ карда, онҳоро дар ду боби ба ҳам алоқаманди илмӣ мавриди баррасӣ қарор дод. Дар боби якум «Нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани ҳиссаҳои номии нутқ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» баррасӣ шуда, дар он масъалаҳои роҳи морфологӣ ва синтаксисӣ-морфологии калимасозӣ бо асосҳои арабӣ матраҳ гардид. Маълум шуд, ки дар роҳи морфологии калимасозӣ унсурҳои грамматикии -гор, -гар, -чӣ, -ӣ/-гӣ, -зор, -истон, -вар, -она, -вор, - ак, -гоҳ, -дон, -манд, -нок, -осо бо калимаҳои арабӣ омада, воҳидҳои зиёди луғавӣ сохтаанд. Зимни баррасии роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозӣ ба нақши калимаҳои арабӣ дар сохтани вожаҳои мураккаби пайвасту тобеъ аҳамият дода, қолибҳои калимасозии онҳо муайян гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия ба масъалаи «Нақши калимаҳои арабӣ дар сохтани феълҳо ва мақоми он дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ» таваҷҷуҳ шуда, дар сохтани феълҳои соддаю мураккаб ва таркибӣ нақш доштани калимаҳои арабӣ баррасӣ мегардад. Таҳқиқи шогирд гувоҳи он шудааст, ки дар ин росто бо калимаҳои арабӣ ба вуҷуд омадани феълҳои таркибӣ дарсади зиёдро ташкил мекунанд.

**Арзишу аҳаммияти назарии таҳқиқоти** унвонҷӯй Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) натиҷаҳои илмии он метавонанд ҳамчун сарчашмаи илмӣ дар таҳқиқи забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ истифода гардад. Ҳамчунин, хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии кор ба унвони маводи илмию назариявӣ дар баррасии забони осори адибон метавонад мусоидат кунад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқи** унвонҷӯйро дар он дидан мумкин аст, ки натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар таҳияи китобу дастурҳои таълимии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, махсусан, дар таҳияи воситаю дастурҳои таълимии марбут ба грамматика ва лексикология ҳоизи аҳаммият мебошад. Ҳамчунин, маводи рисола дар дарсҳои тахассусии мактабҳои олӣ, дар шарҳу баёни асосҳои дастури забони тоҷикӣ, махсусан,

калимасозӣ, навиштани навъҳои гуногуни корҳои илмӣ ба монанди кори курсӣ, рисолаҳои дипломӣ ва рисолаҳои номзадӣ истифода бурдан мумкин аст.

Банду басти диссертатсия, роҳу восита ва усулҳои таҳқиқ, коркард, таҳлилҳо, **хулосаҳо** хусусияти илмӣ дошта, **тавсияҳо ои ба** истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия мантиқӣ мебошанд ва ба талаботи чунин корҳо пурра мувофиқ мебошанд.

Мақолаҳои чопкардаи шогирд ва иштироки ӯ дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун коркарди диссертатсияро таъмин менамояд, ки онҳо ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Осори илмӣ тадқиқотии тасвияшуда, пурра омӯхта шуда, дар рисолаи илмӣ матраҳ гардидаанд, ки ҳусни корро мукаммал гардонидааст.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои корро ифода менамояд.

Ба назари мо, кори диссертатсионии Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) анҷомёфта буда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донista, ҳамчун роҳбари илмӣ рисоларо барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ба ҳимоя тавсия медиҳам.

**Роҳбари илмӣ, муовини раиси**
**Кумитаи забон ва истилоҳоти**
**назди Ҳукумати ҶТ,**
**д.и.ф., узви вобастаи** **Раҳматуллозода**
**Сахидод Раҳматулло**

**Имзои С. Р. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.**
**Мудири бахши умумӣ ва кор бо кадрҳои Кумитаи**
**забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдуллоев Шариф Раҳматуллоевич**

**Нишонӣ**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев 84/4-22.
Тел.: (992) 919 00 21 78. Почтаи электронӣ: saxidodi@list.ru
01-уми июни соли 2023